**«Тасдиқ мекунам»:**
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, доктори илми филология, профессор
_______________ Шарифзода Ф.Х.

26 феврали соли 2024

**Тақризи**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 203 с.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм**

Диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ дар эҷодиёти нависандагон аз як тараф, вазъи иҷтимоии ҷомеаро дар шакли бадеӣ нишони диҳад, аз тарафи дигар, воқеияти замонро инъикос намуда, бозгӯи бурду бохти ҳаёти иҷтимоии мардум мебошад. Ҳамзамон, то кадом андоза нависанда дар нигориши масъалаҳои иҷтимоии замони худ дар таҳқиқи бадеӣ баромада тавонистааст, зимни омӯзиш муайян мегардад. Бинобар ин, рисолаи номзадии Валиева Ҳалима Субхонкуловна ба мавзуи актуалии адабиёти муосири тоҷик бахшида шуда, диссертант дар раванди пажуҳиш ба дастовардҳои муайян ноил гардида, тавсиф дар осори Сайфи Раҳимзоди Афардиро дар иртибот бо

чараёни адабию эстетикии давр, гардишҳои таърихии зиндагии ҷомеаи тоҷикон дар охири садаи XX ва ибтидои садаи XXI таҳқиқ намудааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик ба таври комплексӣ то ҳол мавзуи тавсиф дар осори Сайфи Раҳимзод мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат мавзуи тавсиф дар осори Сайфи Раҳимзод дар зумраи мавзуҳои камомухташуда ба шумор рафта, метавон мавзуи интихобнамудаи Валиева Ҳалимаро мубрам ва муҳим ба шумор овард.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳамияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари унвонҷӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунанд. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ба таври комплексӣ таҳлилу таҳқиқ гирифтани масъалаи тавсиф дар осори нависанда фароҳам шудааст.

Аҳамияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки дар заминаи омӯзиши масъалаи тавсиф дар осори бадеии Сайф Раҳимзоди Афардӣ вобаста ба самтҳо ва паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва завқи бадеии халқи тоҷик, мавқеи адиб ва ҷустуҷӯҳои бадеии нависанда муайян карда шудааст. Диссертант кӯшиш кардааст, ки ҷараёни ташаккули маҳорати нависандаро дар нигориши тавсиф ва вижагиҳои он ва шаклу махсусиятҳои бадеии насри ӯ таҳқиқ намояд.

Таҳқиқи мавзуи мазкур дар адабиётшиносӣ барои анҷоми пажуҳишҳои ҳамгун дар мисоли дигар носирон мусоидат менамояд. Сайф Раҳимзоди Афардӣ яке аз нависандагони бомаҳорати тоҷик мебошад, ки ба масъалаҳои бадеият, бахусус тавсифу тасвир дар осораш

бештар таваҷҷуҳ намуда, аз ин раҳгузар паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва муҳити иҷтимоии худро инъикос намудааст.

Ҳадафи асосии пажуҳиш, пеш аз ҳама, муайян намудани маҳорату ҳунари нависандагии Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар заминаи тавсифу тасвири бадеӣ дар эҷодиёти нависанда мебошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна кори таҳқиқии анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархӯрдор мебошад. **Навгонии илмии** ин кори таҳқиқӣ дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал масъалаи тавсифу тасвири бадеӣ дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ ба таври комплексӣ ва дар шакли монографӣ омӯхта шуда, арзишҳои мавзуӣ ва ҳунарии насри адиб муайян карда шудааст. Таҳқиқот барои пурра ва ҳаматарафа омӯхтани шахсияти эҷодӣ ва диди эстетикии нависанда мусоидат кардааст.

**Аҳамияти назарию амалии диссертатсия** дар он зоҳир меёбанд, ки бори аввал мавзуи ҷойгоҳи тасвир ва тавсифи бадеӣ дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусиятҳои тавсиф дар осори ин нависанда муайян гардидааст. Илова бар ин, матолиби рисоларо метавон дар шаклгирии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба омӯзиши насри бадеӣ, инчунин, дар таҳқиқи маҳорати нависандагии дигар чеҳраҳои адабии адабиёти муосир истифода намуд.

Диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия (С. 4-11) мубрамӣ ва зарурати мавзуи таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадафу объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашма, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариву амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба

ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва амсоли инҳо баён гардидааст.

Боби аввали диссертатсия – «**Мухтасари зиндагӣ ва мероси эҷодии Сайф Раҳимзоди Афардӣ»** (С. 12-68), аз чор фасл ва се зерфасл фароҳам омада, диссертант дар ибтидо ба масъалаҳои адабиёти даврони Истиқлол, ҳикоя ва хусусиятҳои боризи он дар даврони Истиқлол ва роману қиссаҳои даврони Истиқлол таваҷҷуҳ зоҳир намуда, баъзе масъалаҳои насри муосир ва муҳтавои осори таълифшуда дар ин давраро таҳлилу баррасӣ кардааст.

Диссертант нахуст доир ба осори носирони маъруфи даврони Истиқлол, аз ҷумла Саттор Турсун, Ӯрун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад, Баҳманёр, Ҷонибеки Акобир, Сорбон, Диловари Мирзо ва дигарон ишора намуда, сипас баъзе аз осори таълифнамудаи онҳоро таҳлилу баррасӣ намудааст (13-76). Дар рисола масъалаҳои алоқаманд ба таърихи эҷоди нахустин ҳикояҳо нақши муҳити хонаводагӣ дар ҳаёт ва кору фаъолияти эҷодии нависанда, насри бадеии ӯ таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – **«Тавсиф ва нақши он дар осори бадеӣ»** (С.69-91) унвон дошта, аз чор фасл иборат мебошад. Диссертант дар боби мазкур ба таҳлилу баррасии тавсиф ҳамчун мафҳуми истилоҳи адабӣ пардохтааст. Дар фасли аввали боби мазкур масъалаи таърифи тавсиф, ҷойгоҳи тавсиф ва вижагиҳои он дар адабиёти бадеӣ мавриди таваҷуҳ қарор гирифтааст. Дар фасли дувуми боб зимни гурӯҳбандии тавсиф ва ишора ба анвои он, хусусиятҳои тавсифи бадеӣ ва ба ҷойгоҳи он дар асари адабӣ ишора мешавад.

Дар фасли сеюми боб дар мавриди сохтори тавсиф ба таври иҷмолӣ сухан рафта, ишора шудааст, ки дар ин замина дар адабиёти таҳқиқӣ маълумоти камтар мавҷуд аст.

Дар фасли чоруми боб вазифаҳои бадеии тавсиф мавриди таҳқиқ қарор гирифта, зикр гардидааст, ки вазифаҳои тавсиф бештар ба навъҳои тавсиф бастагӣ доранд. Масалан, портрет барои тавсифи симои зоҳирии ашхос истифода мешавад. Пейзаж барои тавсифи манзараҳо, фазоҳои табиӣ корбурд дорад. Интериер барои тарсиму бозтоби маҳаллу макони амал (Дисс, саҳ 113-115).

Боби сеюми диссертатсия «**Вижагиҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ**» (С. 92-144) фарогири чор фасл ва ду зерфасл буда, диссертант дар боби мазкур  дидгоҳи муҳаққиқонро дар бораи бадеият ва ҷойгоҳи тасвиру тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ баррасӣ менамояд. Дар диссертатсия бо назардошти мавзуъҳои тарсимшуда тавсифҳо гурӯҳбандӣ шуда, дар фаслҳои алоҳидае мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Аз ҷумла, дар фасли аввали боби сеюм тавсифи табиат ва унсурҳои он дар осори нависанда мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, ишора мешавад, ки беш аз аз ҳар мавзуи дигаре табиату аркони он дар қиссаҳои Сайф Раҳимзод бозтоби бадеӣ пайдо кардааст. Дар диссертатсия омадааст: “Дар осори Сайф Раҳимзод низ мо ба ҷилваҳои рангоранги табиат дучор мешавем, ки ҳосили мушоҳидаву ёфтаҳои нависандаанд...Андеша ва тавсифҳои Сайф Раҳимзод дар атрофи офтоб зимнӣ аст. Ба ин маънӣ, ки мавсуф достон ё ҳикояи ҷудогонае дар васфи офтоб надорад, танҳо дар матни асарҳои мухталифаш ба вуҷуди офтоб хира мешавад, гоҳҳо мусоҳибаш мегардад ва дар матни офтоб нукотеро мебинад, ки чашми оддӣ аз диданаш мақдур нест” (Дисс, саҳ 119-120).

Ба ин тариқ, диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқулова таҳқиқоти анҷомёфта ва дорои арзиши илмӣ ҳисоб ёфта, навоварияш дар он зоҳир мегардад, ки паҳлуҳои бадеии осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ ба таври комплексӣ ва дар шакли монографӣ омӯхта шуда, арзишҳои мавзуӣ ва ҳунарии насри адиб муайян карда шудааст.

Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаҳои тадқиқ ҷамъбаст шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо мухтасару мушаххас баён гардидаанд.

Дар баробари комёбиҳои фаровон дар диссертатсияи мавриди назар дар ҳолатҳои алоҳида ғалатҳо ва нуктаҳои баҳсталаб мушоҳида мешаванд, ки ба назари мо, ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси болоравии ҳусни таҳқиқоти мазкур хоҳад шуд:

1. Дар рисола нисбат ба мавзуи асосӣ ба мавзуъҳои ҳошиявӣ, ба монанди насри даврони Истиқлол ва шарҳу таҳлили истилоҳи тавсиф аз ҷиҳати назариявӣ бештар пардохта шудааст.

2. Дар диссертатсия аз назари ҳаҷм таносуби байни бобу фаслҳо риоят нашудааст. Масалан, агар дар боби аввал барои фасли "Ҳикояи даврони Истиқлол ва хусусиятҳои боризи он" 41 саҳифа иншо шуда бошад, барои фасли сеюми боби сеюми рисола 10 саҳифа ихтисос ёфтааст. Агар боби аввал камтар мухтасар мешуд, ҳаҷми диссертатсия ба меъёр мутобиқ мегардид.

3. Боби дувуми диссертатсия куллан ба масъалаҳои назарӣ бахшида шудааст. Агар дар боби мазкур барои тасдиқи ҷанбаҳои назариявии тавсиф аз осори нависанда Сайф Раҳимзод мисолҳо оварда мешуд, пурратар мегардид.

4. Дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ (С.8;10;15;19;21;33;41;78;116;118;125;131;134;138;149;153;165;175) ба назар расиданд.

Эродҳои фавқуззикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши пажуҳиши мазкурро паст намегардонанд.

Рисолаи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна таҳти унвони «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» бо автореферати он, ки ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудааст, инчунин мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дохилшаванда мувофиқ буда, муҳтавои тадқиқотро пурра инъикос мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** бо он собит мешавад, ки ӯ мутахассиси соҳаи адабиётшиносӣ буда, диссертатсия бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф комилан мувофиқ аст. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ таъйин шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

**Хулоса,** диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267- ум тасдиқ шудааст, инчунин ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илми филология, ходими калони илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Саидов Ҷамолиддин омода гардида, дар ҷаласаи шуъбаи мазкур санаи 12-уми феврали соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 10 нафар устодон иштирок намуда, 10 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”- 10 нафар, “бетараф”- нест, “муқобил”– нест.

Протоколи № 02 аз 12.02. 2024

**Раиси ҷаласа:**
номзади илми филология, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ — Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа

**Эксперт:**
Номзади илми филология, ходими калони илмии шуъбаи адабиёти муосири Институтизабон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ — Саидов Ҷамолиддин

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ — Раҳимова Холиса

**Имзоҳои Забеҳулло Б.С., Саидов Ҷ., ва Раҳимова Х.-ро тасдиқ менамоям:**

Нозири калони кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ — Нарзиқулова Ҳ.М.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21,
Тел.: (+992 37) 227 29 07;
Факс: (992) 37227 11 70;
E-mail: iza.rudaki17@mail.com

«26» феврали соли 2024